**ТАҚРИЗ**

**ба авторефереи диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)». Душанбе 2026.**

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуд, дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшавада, пеш аз ҳама дар он инъикос меёбад, ки диссертант бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби волояти Хатлонро дар солҳои истиқлоли давлатӣ (1991-2021) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар диссертатсия муаллиф бар мабнои маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти ҷойдошта марбут ба мавзуи мазкур паҳлӯҳои мухталифи хоҷагии халқи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҷумла рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии онро дар давараи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор додааст.

Автореферати диссертатсия мутобиқ ба талаботи муайяншуда таҳия шудааст. Қисмҳои алоҳидаи рисола аз ҷумла, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шуда, мазмуну муҳтавои мақсади таҳқиқот возеҳ баён гардидааст.

Дар натиҷаи шиносоӣ бо муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертатсия аз се боб ва ҳафт зербоб иборат буда, масъалаҳои дар нақша овардашуда пурра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби якум «Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ», дар боби дуюм «Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)» ва дар боби сеюм «Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти

иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ» таҳқиқ шудааст.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” баҳри дар оянда идома додани омӯзиш дар ин самт оварда шудаанд.

Автореферат, ки аслан бо забони тоҷикист тарҷумаи он бо русӣ низ илман дуруст тарҷума ва ҷобаҷо шудааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.– (Таърихи ватанӣ) иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

**Тақриздиҳанда:** мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон
д.и.т., доцент Пирумшоев М.Х.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони М. Турсунзода 30,
Тел.: (+992) 37-227-7853; munir.85@mail.ru

Тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«29» 04 2026 г.